**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар даҳсолаи охир ба омӯзиши консепт дар забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир шуда истодааст, ки ин бошад бо сабаби зуҳури як шохаи забоншиносӣ бо номи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ба миён омадааст.

Дар забоншиносии шинохтӣ консепт яке аз категорияҳои калидӣ ба шумор рафта, тибқи талабот ва принсипҳои он ҳамчун мафҳум, арзиш ва рамз мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Бо вуҷуди ин, дар забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ таҳқиқу баррасии масоили мундариҷавии консепт, яъне таҳқиқи он ҳамчун мафҳум, арзиш ва рамз дар тасвири забонии ҷаҳон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси муқоиса роҳандозӣ карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории на ҳамаи консептҳо, аз ҷумла консепти «одоб/politeness» то ба имрӯз ҳам дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси тасвири забонии мардуми ин ду забони фавқуззикр ба пуррагӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки аз мубрамияти мавзуи мазкур шаҳодат медиҳад.

Илова барин мубрамияти мавзуи мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои маъноиву сохтории консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал аз нуқтаи назари забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва забоншиносии шинохтӣ баррасӣ карда мешаванд.

Аз ин рӯ таҳқиқи мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» чи аз ҷиҳати назариявӣ ва чи амалӣ дар рушди забоншиносии тоҷику англис хеле муҳим мебошад.

Пойгоҳи назариявӣ ва методологии таҳқиқотро муқаррароти асосии назарияи консепт ҳамчун мавзуи таҳқиқоти забоншиносии шинохтӣ ва забоншиносии фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки дар таҳқиқотҳои забоншиносони хориҷӣ ва ватанӣ муаррифӣ гардидааст. Ғайр аз ин, консепсияи робитаи байни забону фарҳанг ва таъсири онҳо ба ташаккули консептҳои махсуси миллӣ дар асарҳои В. фон Ҳумболдт, Б. Уорф, Э. Сепир, А. Вежбитская, Демянков, Е, Кубрякова, С.Г. Тер-Минасова, Ю. Степанов, П.Ҷамшедов, А. Маҳмадназаров, З. Мухторов, Ф. М. Турсунов, М. Давлатмирова ва дигарон таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки маводи назариявии диссертатсия дар ғанигардонии маълумоти фарҳангшиносии забонӣ ва муошırати байнифарҳангӣ дар соҳаи омӯзиши муқоисавӣ ва муаррифии забонии консепти одоб мусоидат мекунад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи онро метавон дар раванди таълими курсҳои забоншиносӣ-кишваршиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), забоншиносии муқоисавӣ, муошırати байнифарҳангӣ, инчунин зимни машғулиятҳои амалияи нутқ, назария ва амалияи тарҷума ва тарҷумаи шифоҳӣ ва хаттӣ ҳам барои худомодагии муаллимону устодони фанҳои забоншиносӣ ва ҳам барои доираи васеи хонандагони ба ин масъала таваҷҷуҳдошта мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти таҳқиқу баррасии мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани он, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии он асоснок карда шудааст. Дар он мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш, методҳои тадқиқот ва сохтори кор низ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Забон ва фарҳанг дар раванди равобити байнифарҳангӣ»** ном дошта, он аз ду фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби мазкур "Усулҳои нави таҳқиқи равобити забону фарҳанг дар забоншиносӣ" номгузорӣ шуда, он аз ду зерфасл иборат мебошад. Дар ин фасл доир ба масъалаҳои умумии равобити забону фарҳанг маълумоти асосноки илмӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар зерфасли якуми он «Шинохти консепт дар забоншиносии муосир» доир ба мавқеи «консепт» дар забоншиносии муосир таҳқиқ карда шудааст. Зикр мегардад, ки "консепт" яке аз категорияҳои муҳимтарини забоншиносии шинохтӣ буда, ба воситаи консептҳо робитаи забон бо тафаккури инсон ба амал меояд, ки метавон ба он розӣ шуд. Дар зерфасли дуюм сохтори консепт мавриди баррасӣ қарор гирифта, таъкид карда мешавад, ки консепт сохтори мураккаб дорад. Бино ба ақидаи диссертант дар айни замон, дар рафти муошират маънои консептҳо сахт тағйир меёбад, зеро ҳам гӯянда, ҳам шунавандаи фардӣ онро тибқи донишу таҷрибаи худ маънидод мекунанд. Бо вуҷуди ин, диссертант қайд менамояд, ки консепт дорои маънои нисбатдиҳии ашёӣ аст, дар он иттилои аз ҷиҳати муошират муҳим мавҷуд аст, чунки инро ҷойи аломат дар таркиби луғавии забон тақозо мекунад ва ниҳоят он то як андоза низоми арзишҳои маънавию фарҳангии соҳибони забонро инъикос мекунад. Қобили зикр аст, ки назарияи илмии фавқузикрро оид ба сохтори консепт метавон ҳамчун як назарияи муътамади илмӣ шарҳ дод. Дар фасли дуюм «Забону фарҳанг ва тафаккури миллӣ» падидаҳое чун, забон, фарҳанг ва тафаккури миллӣ ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шудааст. Фасли мазкур аз 3 зерфасл иборат аст. Дар зерфасли аввали ҳамин фасл асосҳои маърифатии омӯзиши робитаи забон ва фарҳанг баррасӣ мешаванд. Зикр мегардад, ки когнитология асосан ба фарҳанг таваҷҷӯҳ дорад, ки сабаби онро муаллиф ба таври зерин шарҳ додааст: «а) фарҳанг натиҷаи зуҳуроти фикрии қобилиятҳои инсон мебошад; б) ҳаёти фарҳангии ҷамъиятҳои муосири инсонӣ ҳамаи

ҷанбаҳои зиндагонии одамон ва махсусан, соҳаи ақлониро фаро мегирад» (саҳ. 37). Дар зерфасли дигар бошад, таваҷҷуҳ ба шинохти мафҳуми "фарҳанг" ва таҳқиқи он дар забоншиносии муосир дода шудааст. Дар зерфасли сеюми фасли дуюм нақши фарҳанг дар ташаккули тафаккури умумии забониву фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар фасли сеюм «Ташаккули консептҳои миллӣ дар тасвири забонии ҷаҳон» вижагиҳои тасвири забонии ҷаҳон мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Дар ин фасл муаллифи диссертатсия ақидаҳои гуногуни олимони соҳаи забоншиносиро оид ба мавҷудияти мафҳуми тасвири забонии ҷаҳон дар забоншиносии шинохтӣ пешниҳод намуда, дар таҳқиқоти худ нуқтаҳои назари ҳамон муаллифонеро, ки вуҷуд доштани истилоҳи тасвири забонии ҷаҳонро исбот мекунанд ва мавҷудияти онро дар халқиятҳои гуногун эътироф менамоянд, ҷонибдорӣ кардааст.

Дар фасли чорум, ки «Муошират – навъи фаъолияти иҷтимоӣ» унвон гирифтааст, масъалаи муошират ҳамчун гунае аз фаъолиятҳои иҷтимоӣ аз нуқтаи назари забоншиносон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бино ба ақидаи диссертант «муошират фаъолияти байни одамон мебошад. Инсонҳо бо ҳамин шакли фаъолият ба якдигар мубодилаи афкор мекунанд ва таъсир мерасонанд. Вале таъсиррасонӣ ба ҳамсӯҳбат, ки ӯ низ шахсиятест дорои иззати нафс ва эҳтироми худ, инчунин дорои эътимод ва манфиатҳо, дар доираи эҳтиром бояд амалӣ гардад. Мусоҳиб кӯшиш кунад хоҳ бо ёрии тарзҳои забонӣ (одоби нутқ) ва хоҳ ғайризабонӣ (имову ишорат, ифодаи рӯй, ҷойгиршавӣ дар вақти суҳбат) шаъни ҳамсуҳбати худро дар чашми атрофиён боло бардорад. Зеро шахсияти инсон аз ҳама арзишҳо боло меистад» (саҳ. 62). Қобили зикр аст, консепсияи илмии пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия ҷолиби диққат мебошад.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили муқоисавии мазмуни байнифарҳангии консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** буда, 5 фаслро дар бар мегирад.

Фасли аввал ба муошırати байни фарҳангҳо бахшида шудааст. Диссертент зикр менамояд, ки тасвири ҷаҳон аз мафҳумҳои зерин иборат мебошанд: табиат, тасаввуроти ахлоқӣ, макону замон, тасаввурот оид ба арзишҳо ва робитаҳои байнишахсӣ ва монанди инҳо, ки онро метавон таснифоти илмии асоснок ҳисобид.

Фасли дуюм «Одоби муошират ҳамчун категорияи умумии забон» номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл муошират ҳамчун қисми муҳимми зиндагии инсон шарҳ дода мешавад. Муаллифи диссертатсия дар ин фасл зикр менамояд, ки одоб, ки хислати сирф мусбати инсонист, новобаста ба ин, метавонад ба маънои манфӣ, якҷо бо чунин сифатҳо, ба мисли хунук, сард, нафратомез истифода бурда шавад. Ба андешаи диссертант: «дар бисёр фарҳангҳо чунин иборахо низ машҳуранд: англ: Icy welcome «қабули хунук», cold greeting «пазироии хунук», тоҷ: меҳмондории дилсардона, бо оҳанги сард ҳарф задан, рӯй туруш кардан (яъне аз омадани касе хурсанд набудан, хуш напазируфтан)», (саҳ. 72)

Дар хулоса натиҷаҳои татқиқот оид ба маъно ва сохтори консепти «одоб/ politeness»-и забонҳои муқоисашаванда дар тасвири забонии мардуми забонҳои муқоисашаванда дар асоси маводи асарҳои бадей пешниҳод карда шудаанд, ки онҳоро метавон дар раванди таълими як зумра фанҳо аз ҷумла, забоншиносӣ-кишваршиносӣ, забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), забоншиносии муқоисавӣ, муошırати байнифарҳангӣ, типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, назария ва амалияи тарҷума, тарҷумаи хаттӣ ва ғ. истифода бурд.

Оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақола дар маҷаллаҳои даврии тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расонида шудаанд, ки муҳтавои диссертатсияро дар бар мегиранд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, агар этимологияи консепти «одоб/politeness» дар ягон зерфасли боби диссертатсия таҳқиқ мешуд, зеро он имконият фароҳам меорад, то ки аҳамияти консепти мазкур дар фарҳангҳои халқҳои тоҷик ва англис ошкор гардида, ҳамаи маъниҳое, ки онҳо доранд, муайян гардад.

2. Дар саҳифаҳои 16, 51, 120, 132... диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услуби мавҷуданд.

3. Хуб мешуд, ки диссертант аз асарҳои бадеии забони англисӣ оид ба маъноҳое, ки консепти "politeness" ифода мекунанд, мисолҳои бештарро истифода менамуд.

4. Мебоист таҳлили лексикографии консепти мавриди назар дар ҳарду забон таҳқиқ карда мешуд, зеро он имконият фарҳам меорад, ки гунаҳои луғавӣ-семантикии консепти одоб дар ҳарду забон ба таври дақиқ муайян гарданд.

5. Муаллиф дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия (саҳ. 109, 128, 129) аз сарчашмҳо ёдовар нашудааст.

6. Дар саҳифаи 6-и диссертатсия муаллифони тоҷик нишон дода шуда аст ва дар руйхати адабиёт на ҳамаи онҳо дарҷ гардидаанд.

Мавриди ба зикр аст, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ва автореферати онро коста намегардонанд.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Автореферати диссертатсия ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мутобиқат мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсия ва автореферати Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти «одоб» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» мувофиқ ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардида, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва типологияи
забони англисии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Тағоева Табассум Музафаровна

«Имзои профессор Т.М.Тағоеваро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзода Ҷамшеди Абдуалим

Суроғаи муқаризи расмӣ:
735140-Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кучаи Дустии Халқҳо хонаи 66 ҳуҷраи 34.
Почтаи электрони: tabassumtagoeva@gmail.com
Телефон: (+992) 905707067, 919140976

29.05.2023